# Масеҳ 8



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


МАН ҲИКОЯТЕРО БА ШУМО НАҚЛ МЕКУНАМ.
ШАХСЕ ДАР ТОКЗОРИ ХУД ДАРАХТИ АНҶИРЕ ДОШТ.
ҲАР ДАФЪА ОМАДА, МЕВАЕ АЗ ОН ПАЙДО КАРДАНӢ МЕШУД, АММО ҲЕҶ ЧИЗ НАМЕЁФТ.
Ӯ БА БОҒБОН ГУФТ: «СЕ СОЛ АСТ, КИ АЗ ИН ДАРАХТИ АНҶИР МЕВАЕ НАМЕЁБАМ!»
Ӯ ТАЛАБ КАРД: «ОНРО БУР, БАРОИ ЧӢ ЗАМИНРО БЕҲУДА БАНД КУНАД?»
БОҒБОН ГУФТ: «ЭЙ ХОҶА! ИМСОЛ ҲАМ ОНРО МОН».
«МАН БА ОН НИГОҲУБИН КАРДА, ПОРУ МЕАНДОЗАМ».
«АГАР СОЛИ ОЯНДА ҲОСИЛ КУНАД, ХУБ!»
«АГАР ҲОСИЛ НАКУНАД, СОЛИ ОЯНДА ОНРО МЕБУРЕМ».

ЛУҚО 13:6-8


ДЕРТАР, Ӯ РӮЗИ ШАНБЕ ДАР ЯКЕ АЗ КУНИШТҲО ТАЪЛИМ МЕДОД.
...ПОДШОҲИИ ОСМОН МОНАНДИ...
САБР КУНЕД. ИН ЗАН, ДАР ОН ҶО...
ҲАЖДАҲ СОЛ АСТ, КИ МАН ДАР ЧУНИН ҲОЛАТ ҲАСТАМ.
МАН БАРОИ ШИФО ЁФТАН ОМАДАМ...
ЭЙ ЗАН.
АЗ ИН БЕМОРӢ...
... ХАЛОС ШУДӢ!
ИН ЧӢ КОР АСТ?
БА МО БАРОИ КОР ШАШ РӮЗ ДОДА ШУДААСТ!
ТУ БОЯД ДАР ИН РӮЗҲО БАРОИ ШИФО БИЁӢ!
АММО НА ДАР РӮЗИ ШАНБЕ!


РИЁКОР!
ОЁ ШУМО ГОВ Ё ХАРИ ХУДРО ДАР РӮЗИ ШАНБЕ АЗ ОХУР ВОЗ КАРДА, БАРОИ ОБ ДОДАН НАМЕБАРЕД?
ПАС ОЁ ИН ЗАНРО, КИ ЧУН ШУМО ФАРЗАНДИ ИБРОҲИМ АСТ,...
... АЗ БЕМОРИЯШ, КИ ШАЙТОН ҲАЖДАҲ СОЛ ӮРО БО ОН БАСТА БУД, ДАР РӮЗИ ШАНБЕ ХАЛОС КАРДАН ЛОЗИМ НАБУД?
ПОДШОҲИИ ОСМОН ЧУН ДОНАИ ХАРДАЛ АСТ!
ОН ДАРАХТЕ МЕГАРДАД, КИ ПАРАНДАГОН ДАР ОН САРПАНОҲ МЕЁБАНД!
Ё МОНАНДИ ХАМИРТУРУШ АСТ! АНДАК ХАМИРТУРУШ БА МИҚДОРИ ЗИЁДИ ХАМИР...
...ТАЪСИР МЕРАСОНАД, ТО ДАМЕ КИ ТАМОМИ ХАМИР РАСАД!


ДЕРТАР, ҲАНГОМЕ КИ ИСО АЗ АЙВОНИ СУЛАЙМОН МЕГУЗАШТ.
БАРОИ ЧӢ ТУ МОРО ДАР ШУБҲА МЕГУЗОРӢ?
АГАР ТУ МАСЕҲ БОШӢ, БА МО БИГӮЙ!
КАЙ ТУ ИНРО ВОЗЕҲУ РАВШАН МЕГӮЙ?
МАН АЛЛАКАЙ ЧУНИН КАРДАМ.
ШУМО БОВАР НАКАРДЕД.
МУЪҶИЗАҲОЕ КИ БА НОМИ ПАДАР БА АМАЛ ОВАРДАМ, БАР МАН ШАҲОДАТ МЕДИҲАНД.
ЛЕКИН ШУМО БОВАР НАМЕКУНЕД, ЗЕРО АЗ ГӮСФАНДОНИ МАН НЕСТЕД.
ГӮСФАНДОНИ МАН БА ОВОЗИ МАН ГӮШ МЕДИҲАНД, ВА МАН ОНҲОРО МЕШИНОСАМ, ВА ОНҲО МАРО ПАЙРАВӢ МЕКУНАНД.
ПАДАР ОНҲОРО БА МАН ДОД, ВА ҲЕҶ КАС ОНҲОРО АЗ ДАСТИ ПАДАРИ МАН КАШИДА ГИРИФТАН НАМЕТАВОНАД.
МАН ВА ПАДАР ЯК ҲАСТЕМ.
БАРОИ ИН СУХАНОН ТУРО САНГСОР БОЯД КАРД!
БА НОМИ ПАДАР МУЪҶИЗАҲО НИШОН ДОДААМ, БАРОИ КАДОМЕ АЗ ОНҲО МАРО САНГСОР МЕКУНЕД?
НА БАРОИ МУЪҶИЗАҲО, БАЛКИ БАРОИ КУФР!
ТУ, КИ ОДАМ ҲАСТӢ, ХУДРО ХУДО МЕХОНӢ!
БАРОИ ДАР КУФР АЙБДОР КАРДАН ВА БОВАР НАКАРДАН БА МАН САБАБ МЕДОШТЕД...


...АГАР МАН КОРЕРО КИ ПАДАРАМ МЕКУНАД, НАМЕКАРДАМ.
АММО МАН МЕКУНАМ!
АГАР БА МАН БОВАР НАКУНЕД, БА КОРҲОЯМ БОВАР КУНЕД!
БИДОНЕД, КИ ПАДАР ДАР МАН АСТ,
ВА МАН ДАР ПАДАР!
ӮРО ДАСТГИР КУНЕД!
ӮРО ҚАПЕД!
ӮРО АЗ ШАҲР БЕРУН БАРОВАРДА, САНГСОР МЕКУНЕМ!
АКНУН МЕФАҲМАМ, КИ ТУ ЧИРО ДАР НАЗАР ДОШТӢ, ЧУН ГУФТӢ, КИ...
...« ОНҲО НИГАРИСТА, НАМЕБИНАНД, ВА ГӮШ ДОДА, НАМЕШУНАВАНД ВА НАМЕФАҲМАНД»
БАЪД ИСО БА УРДУН, КИ ДАР ОН ҶО ПЕШТАР ЯҲЁ МАРДУМРО ТАЪМИД МЕДОД, РАФТ.
ЯҲЁ МУЪҶИЗА НИШОН НАМЕДОД...
...АММО ҲАР ОН ЧИ ДАР БОРАИ ИСО МЕГУФТ, РОСТ БУД!
ЮҲАННО 10: 38-42


Ӯ ДАР ШАҲРҲО ВА ДЕҲОТ ГАШТА, ТАЪЛИМ МЕДОД.
ХУДОВАНДО, ЧӢ ҚАДАР ОДАМОН НАҶОТ МЕЁБАНД?
ОЁ ТАНҲО МИҚДОРИ КАМЕ?
БОЯД КӮШИШ КУНЕД, КИ АЗ ДАРИ ТАНГ ДАРОЕД.
ЗЕРО БИСЁР КАСОН ДАРОМАДАНӢ МЕШАВАНД, АММО АГАР СОҲИБИ ХОНА ДАРРО БАНДАД, ЧӢ МЕШАВАД?
ШУМО ДАР БЕРУН МОНДА, ДАРРО МЕКӮБЕД ВА ИЛТИҶО МЕКУНЕД, КИ ДАРРО КУШОЯД!
Ӯ ҶАВОБ МЕДИҲАД: «ШУМОРО НАМЕШИНОСАМ».
ШУМО БА Ӯ МЕГӮЕД: «МО ПЕШИ ТУ ХӮРДЕМ ВА НӮШИДЕМ, ВА ТУ МОРО ТАЪЛИМ МЕДОДӢ!»
АММО Ӯ МЕГӮЯД: «МАН ШУМОРО НАМЕДОНАМ! РАВЕД, ЭЙ БАДКОРОН!»
МАҲЗ ТУ БОЯД РАВӢ!
ДАФЪ ШАВ!
МОРО ОРОМ ГУЗОР!
ҲИРОДУС ТУРО КУШТАН МЕХОҲАД!
БА ОН РӮБОҲ МЕТАВОНЕД ГӮЕД, КИ МАН ДЕВҲОРО БЕРУН МЕКУНАМ ВА БЕМОРОНРО ШИФО МЕДИҲАМ...
...ВА ДАР РӮЗИ СЕЮМ БА МАҚСАДАМ МЕРАСАМ.
ШУМО НАБОЯД ДАР ИН ҶО ТАШВИШ КАШЕД!
ЗЕРО ПАЙҒАМБАРОН БЕРУН АЗ ҲУДУДИ УРШАЛИМ КУШТА НАМЕШАВАНД!
УРШАЛИМ.
ОНҲОЕРО, КИ НАЗДИ ТУ ФИРИСТОДА ШУДААНД, САНГСОР МЕКУНӢ.
ХОСТАМ ФАРЗАНДОНИ ТУРО ҶАМЪ КУНАМ, ЧУН МОКИЁНЕ КИ ЧӮҶАҲОЯШРО ЗЕРИ БОЛАШ ҶАМЪ МЕКУНАД.
АММО ШУМО НАХОСТЕД.



ЛУҚО 13:22-34


ХОНАИ УРШАЛИМ ХОЛӢ МЕМОНАД.
ВА ТУ, ЭЙ УРШАЛИМ, ДИГАР МАРО НАМЕБИНӢ, ТО ДАМЕ КИ ГӮЙӢ: «МУБОРАК АСТ ОН КИ БА НОМИ ХУДОВАНД МЕОЯД!»
УСТОД, ПАГОҲ ШАНБЕ АСТ.
ОЁ БА ХОНАИ МО ОМАДА, БО МО ХӮРОК НАМЕХӮРӢ?
ҲА, ДӮСТАМ.
РӮЗИ ШАНБЕ...
ҲАМЧУН ШАРОАТДОНОН БА МАН БИГӮЕД...
...ОЁ ДАР РӮЗИ ШАНБЕ ШИФО ДОДАН РАВОСТ?


ТУ ЧӢ КОР МЕКУНӢ?
ТАШАККУР БА ТУ!
МАРҲАМАТ.
АГАР ПИСАРАТОН, Ё ГОВАТОН ДАР РӮЗИ ШАНБЕ БА ЧОҲ МЕАФТИД, ЧӢ МЕКАРДЕД?
ИНАК ХОНАИ МАН.
УЗР МЕХОҲАМ.
БАЪЗЕ РАФИҚОНАМ АЛЛАКАЙ ДАР ПЕШГОҲ НИШАСТААНД.
ФАҲМО.
ИНАК ДАРС!
ҲАНГОМЕ КИ ШУМОРО БА БАЗМИ АРӮСӢ ДАЪВАТ МЕНАМОЯНД, ДАР ПЕШГОҲ НАНИШИНЕД!
ЗЕРО ШАРМСОР ХОҲЕД ШУД...



ЛУҚО 14:1-11


...ҲАНГОМЕ СОҲИБИ ХОНА АЗ ШУМО ХОҲИШ МЕКУНАД, КИ ҶОИ ХУДРО БА ДИГАРЕ ДИҲЕД.
АГАР ШУМО ДАР ПОИНИ ХОНА ҶОЙ ГИРЕД, СОҲИБИ ХОНА ШУМОРО БОЛОТАР МЕШИНОНАД.
ҲАР КӢ ХУДРО КАЛОН ГИРАД, ПАСТ МЕШАВАД!
ҲАР КӢ ХУДРО ФУРӮТАН СОЗАД, САРБАЛАНД МЕГАРДАД.
БА ЗИЁФАТҲОИ ХУД ДӮСТОН Ё БАРОДАРОН Ё ХЕШОН Ё ҲАМСОЯГОНИ САРВАТМАНДИ ХУДРО ДАЪВАТ НАКУНЕД!
ЧАРО?
ОНҲО НИЗ МЕТАВОНАНД ШУМОРО ДАЪВАТ НАМОЯНД, ВА ОН ГОҲ ПОДОШИ ТУ ДОДА МЕШАВАД.
БА ҶОИ ИН БЕНАВОЁН, МАЪЮБОН, ЛАНГОН ВА КӮРОНРО ДАЪВАТ НАМОЕД.
ВА ШУМО БАРАКАТ ХОҲЕД ЁФТ!
АММО НА АЗ ҶОНИБИ ОНҲО, БАЛКИ ҲАНГОМИ РАСТОХЕЗИ РОСТКОРОН!
ХУШО КАСЕ КИ ДАР ПОДШОҲИИ ХУДО ХӮРОК ХӮРАД!!
ШАХСЕ ЗИЁФАТИ КАЛОНЕ ТАШКИЛ КАРДА, БИСЁР КАСОНРО ДАЪВАТ НАМУД.
АММО ҲАНГОМЕ КИ ҲАМА ЧИЗ ТАЙЁР ШУД, ДАЪВАТШУДАГОН БАҲОНАҶӮЙ КАРДАНД, ТО НАОЯНД.
ИН ШАХС ХАШМГИН ШУД!
Ӯ БА ХИЗМАТГОРАШ ГУФТ, КИ БА КӮЧАВУ ПАСКӮЧАҲОИ ШАҲР БАРОМАДА, БЕНАВОЁН, МАЪЮБОН, ЛАНГОН ВА КӮРОНРО БИЁРАД.
Ӯ ГУФТ: «БА РОҲҲО ВА КӮЧАБОҒҲО БАРОМАДА, МАРДУМРО ДАЪВАТ КУН! МАН МЕХОҲАМ, КИ ХОНААМ ПУР ШАВАД!»
ВА ОНҲОЕ КИ ПЕШТАР ДАЪВАТ ШУДА БУДАНД, ҲЕҶ ГОҲ АЗ ЗИЁФАТИ МАН НАХОҲАНД ЧАШИД!»






ЛУҚО 14:25-15:2


БЕАҚЛОН!
ШУМО НАМЕФАҲМЕД!
ТАСАВВУР КУНЕД, КИ ШУМО САД ГӮСФАНД ДОРЕД ВА ЯКЕ АЗ ОНҲО ГУМ ШУДААСТ!
«ШУМО ОН НАВАДУ НӮҲРО ГУЗОШТА, БА ҶУСТУҶӮИ ИН ЯК МЕРАФТЕД, ҲАМИН ТАВР НЕ?»
ЗАНЕ КИ ДАҲ ДИРҲАМ ДОРАД, ЧУН ЯКЕРО ГУМ КУНАД, ОНРО ДАР ҲАМА ҶО ҶУСТУҶӮ МЕКУНАД!»
«ВА ЧУН ЁБАД, ҲАМАРО БА ХУРСАНДИИ ХУД ШАРИК МЕГАРДОНАД!»
ФАРИШТАҲОИ ХУДО БАРОИ ЯК ГУНОҲКОРЕ КИ ТАВБА МЕКУНАД, ҲАМИН ТАВР ШОДӢ МЕКУНАНД!

ЛУҚО 15:1-10


ПАДАРЕРО ТАСАВВУР КУНЕД, КИ ДУ ПИСАР ДОШТ.
ЯКЕ АЗ ПИСАРОН ҲИССАИ МОЛУ МУЛКРО, КИ БА Ӯ БА МЕРОС МЕРАСАД, ТАЛАБ НАМУД.
ВА ПАДАР ТАМОМИ МОЛУ МУЛКРО ТАҚСИМ КАРД.
«ИН ПИСАР ПАДАРРО ТАРК КАРД».
«Ӯ ҲАМАИ ПУЛРО ДАР АЙШУ НӮШ САРФ КАРД!»
«ЧУН ҲАМАИ ПУЛРО САРФ КАРД, ГУРУСНАГӢ ФАРО РАСИД».
«ҲЕҶ ЧИЗАШ НАМОНД ВА БА МУҲТОҶӢ ДУЧОР ШУД».
«Ӯ ХУКБОН ШУД, АММО ХӮРДАНИИ КОФӢ НАДОШТ».
«Ӯ ФАҲМИД, КИ ХИЗМАТГОРОНИ ПАДАРАШ РИЗҚУ РӮЗИИ БЕҲТАР ДОРАНД».
«ЧУН Ӯ БА ХОНА БАРГАШТ, ПАДАР БА ПЕШВОЗАШ ДАВИД ВА ӮРО БА ОҒӮШ КАШИД!»
«Ӯ БА ШАРАФИ ИН ПИСАР БАЗМ ОРОСТ, ЗЕРО...»
ПИСАРАМ ГУМ ШУДА БУД ВА ЁФТ ШУД!
«ИН ҶАШНРО ТАСАВВУР НАМОЕД!»
ЛУҚО 15:11-27



АММО БАРОДАРИ ДИГАР...
...КИ БО ПАДАР МОНДА БУД...
...ҲАНГОМИ БОЗГАШТАНИ БАРОДАРАШ ДАР САҲРО БУД.
«БАРОДАРИ КАЛОНӢ БА ХАШМ ОМАД!»
«Ӯ НАХОСТ БА ХОНА ДАРОЯД».
«ПАДАРАШ БАРОМАДА, ӮРО БА ДАРУН ДАЪВАТ КАРД».
МАН БО ТУ МОНДА, БА ТУ ИТОАТКОР БУДАМ!
ТУ ҲАРГИЗ БА МАН ЧИЗЕ НАДОДАЙ! Ӯ БОШАД ҲАР ОН ЧИ БА Ӯ ДОДӢ, БАРБОД ДОД!
ВА ТУ БАРОИ Ӯ БАЗМ ОРОСТАЙ?
ТУ ҲАМЕША БО МАН ҲАСТӢ.
ҲАР ОН ЧИ ДОРАМ, АЗ ОНИ ТУСТ.
ОЁ ШОД НАМЕШАВӢ, КИ БАРОДАРАТ БАРОЯМОН МУРДА БУД, ВА АКНУН ЗИНДА ШУД ВА ГАШТА ОМАД?


ЛУҚО 15:25-32


ГӮШ КУНЕД. КАСЕ КИ ДАР ЧИЗИ АНДАК БОВАРИНОК АСТ, ДАР ЧИЗИ БИСЁР НИЗ БОВАРИНОК АСТ.
КАСЕ КИ ДАР ЧИЗИ АНДАК НОИНСОФӢ КУНАД, ДАР ЧИЗИ БИСЁР НИЗ НОИНСОФ АСТ.
АГАР ДАР САРВАТИ НОИНСОФОНА БОВАРИНОК НАБОШЕД, КӢ САРВАТИ ҲАҚИҚИРО БА ШУМО МЕСУПОРАД?
ҲЕҶ ХИЗМАТГОР БАНДАИ ДУ ХОҶА БУДА НАМЕТАВОНАД.
ШУМО БАНДАИ ХУДО ВА БАНДАИ ПУЛ БУДАН НАМЕТАВОНЕД.
ПАРВАРДИГОР ДИЛҲОИ ШУМОРО МЕДОНАД.
ШУМО ХУДРО ДАР НАЗАРИ ОДАМОН БОЭЪТИБОР МЕНАМОЕД.
АММО ПАРВАРДИГОР ОН ЧИРО, КИ ШУМО ҚАДР МЕКУНЕД, БАД МЕБИНАД.
БА ШУМО БОЗ ҲИКОЯТЕ НАҚЛ МЕКУНАМ.
НАЗДИ ДАРВОЗАИ САРВАТМАНДЕ ГАДОЕ МЕНИШАСТ.


ЛУҚО 16:1-19


«ОН ГАДО ЛАЪЗОР НОМ ДОШТ».
«Ӯ ОРЗУ ДОШТ АҚАЛЛАН РЕЗАҲОИ АФТОДАИ ДАСТАРХОНИ ОН САРВАТМАНДРО ХӮРАД».
«ЛАЪЗОР МУРД».
«САРВАТМАНД НИЗ МУРД».
«ГАДО БА ПАҲЛУИ ИБРОҲИМ БУРДА ШУД».
«САРВАТМАНД БОШАД ДАР АЛАНГАИ ОЛАМИ МУРДАГОН АЗОБ МЕКАШИД».
ИЛТИМОС МЕКУНАМ! ЭЛЪОЗОРРО ФИРИСТ, ТО АНГУШТАШРО БА ОБ ТАР КАРДА, БА ЗАБОНИ МАН РАСОНАД!
ДАР ЗИНДАГИАТ ЧИЗҲОИ ХУБ НАСИБИ ТУ БУД!
ВА ЧИЗҲОИ БАД НАСИБИ ЭЛЪОЗОР БУД!
АКНУН ЛАЪЗОР ТАСАЛЛӢ МЕЁБАД, АММО ТУ АЗОБ МЕКАШӢ!
ПАС ЛАЪЗОРРО НАЗДИ БАРОДАРОНАМ ФИРИСТ!
БИГУЗОР Ӯ ОНҲОРО АЗ ИН АЗОБҲОИ ДАҲШАТОВАР ОГОҲ КУНАД!
АЗ ИН ҶАРӢ, КИ БАЙНИ МОСТ, ГУЗАШТАН ҒАЙРИИМКОН АСТ!






ЛУҚО 16:29-17:10


ДАР РОҲ БАЙНИ СОМАРИЯ ВА ҶАЛИЛ...
ИСО! УСТОД!
БА МО МАРҲАМАТ КУН.
ИЛТИҶО МЕКУНЕМ.
РАВЕД.
ХУДРО БА КОҲИНОН НИШОН ДИҲЕД.
ИН МУЪҶИЗА АСТ!
МАН ҲИС МЕКУНАМ, КИ ЗАХМҲОЯМ ШИФО ЁФТААНД!
Ӯ ШИФО ДОД, ЧУНОН КИ ДАР БОРААШ НАҚЛ КАРДА БУДАНД!
ЯКЕ АЗ МАХАВИҲО, СОМАРӢ, БОЗИСТОД...
Ӯ ШИФО ДОД...
**ХУДОРО ШУКР!!!**
ХУДОВАНДО! ХУДОВАНДО! ТУРО ШУКР МЕГӮЯМ!
МАН ДАҲТОИ ШУМОРО ШИФО ДОДАМ!
ПАС БОҚИМОНДА ҲО КУҶОЯНД?
ТАНҲО ЯК КАС – ҲАМИН ШАХСИ ҒАРИБ БАРГАШТ, ТО ХУДОРО ҲАМДУ САНО ХОНАД!
БАРХЕЗ ВА РАВ; ИМОНАТ ТУРО НАҶОТ ДОД.

ЛУҚО 17:11-19


ЧАНДЕ ПАС АЗ ИН...
УСТОД!
АЗ ТУ ЧИЗЕРО ПУРСИДАН МЕХОҲЕМ, АГАР ВАҚТ ДОШТА БОШӢ!
ГӮШ МЕКУНАМ.
МО СОЛҲОИ ЗИЁД НАВИШТАРО ОМӮХТЕМ.
ТАЪРИХРО ВА ҲОДИСАҲОИ ҲОЗИРАРО МУШОҲИДА НАМУДЕМ.
ДАР ЯК ЧИЗ ҲАНӮЗ ДИЛПУР НЕСТЕМ.
ПОДШОҲИИ ХУДО КАЙ МЕОЯД?
БО ВУҶУДИ ҲАМАИ ТАДҚИҚОТИ ХУД ҲАНӮЗ НАМЕФАҲМЕД?
ОДАМОН ГУФТА НАМЕТАВОНАНД: «ИНАК, ПОДШОҲИИ ХУДО ДАР ИН ҶОСТ!»
ЗЕРО ПОДШОҲИИ ХУДО ДАР БОТИНИ ШУМОСТ!
ЗАМОНЕ МЕОЯД, КИ ШУМО ХОҲОНИ ДИДАНИ РӮЗИ ПИСАРИ ОДАМ МЕШАВЕД.
ВА БАЪЗЕҲО МЕГӮЯНД: «ВАҚТ РАСИДААСТ!» АЗ ПАСИ ОНҲО НАРАВЕД!
ЗЕРО РӮЗИ ПИСАРИ ОДАМ ЧУН ДУРАХШИДАНИ БАРҚ ХОҲАД БУД!
БУБИНЕД, КИ ЧӢ ГУНА ОН МЕДУРАХШАД ВА ОСМОНРО РӮШНОЙ МЕДИҲАД!
ИН ЧУН ДАР АЙЁМИ НӮҲ ХОҲАД БУД!
ОДАМОН МЕЗИСТАНД, МЕХӮРДАНД, ОИЛАДОР МЕШУДАНД, КОР МЕКАРДАНД.
БАЪД ТӮФОН ОМАДА, ҲАМАРО НОБУД КАРД!




ЛУҚО 17:20-27



ЛУҚО 17:25, 28-37


ҲАР ЧИ РӮЙ ДИҲАД ҲАМ, ШУМО БОЯД ДУО ГӮЕД ВА ТАСЛИМ НАШАВЕД.
ДОВАРЕРО ТАСАВВУР КУНЕД, КИ НА ТАРСЕ АЗ ХУДО ДОШТ, ВА НА ШАРМЕ АЗ ОДАМОН!
БЕВАЗАНЕ ҲАР РӮЗ НАЗДИ Ӯ ОМАДА, МЕГУФТ: «МАРО АЗ ОЗОРДЕҲОНАМ ҲИМОЯТ КУН!»
НИҲОЯТ ДОВАР ДАРХОСТИ ӮРО ИҶРО КАРД!
ЧАРО? ОЁ АЗБАСКИ ОДИЛ БУД? НЕ! САБАБ ОН БУД, КИ БЕВАЗАН ӮРО БЕЗОР КАРД!
АММО ШУМО БА ХУДО, КИ ОДИЛ АСТ ВА ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД, ДУО ГӮЕД.
БИЁЕД ДАР БОРАИ ДУО ГАП МЕЗАНЕМ, ДӮСТОН.
БОРЕ БА ИБОДАТГОҲ ФАРИСӢ ВА БОҶГИР ОМАДАНД.
ФАРИСӢ ЧУНИН ДУО МЕГУФТ:
ХУДОЁ! ТУРО ШУКР МЕГӮЯМ, КИ МОНАНДИ ИН БОҶГИР НЕСТАМ!»
«ҲАФТАЕ ДУ БОР РӮЗА МЕДОРАМ ВА АЗ ТАМОМИ ДАРОМАДАМ ДАҲЯК МЕДИҲАМ!»
АММО БОҶГИР ЧӢ?
Ӯ ҲАТТО ҶУРЪАТ НАДОШТ ЧАШМОНАШРО БОЛО КУНАД, ВА ЧУНИН ДУО МЕГУФТ:
«ХУДОЁ! БА МАНИ ГУНОҲКОР РАҲМ КУН».
КАДОМИ ОНҲО НАЗДИ ХУДО САФЕД ШУДА БА ХОНА БАРГАШТ?
БА ШУМО МЕГӮЯМ, ҲАР КӢ ХУДРО ФУРӮТАН СОЗАД, САРБАЛАНД МЕГАРДАД.
ЗЕРО ҲАР КӢ ХУДРО КАЛОН ГИРАД, ПАСТ МЕШАВАД.




ЮҲАННО 11:1-16






ЮҲАННО 11:17-33




ЮҲАННО 11:34-38






ЮҲАННО 11:39-43


КАФАНРО АЗ Ӯ ДУР КУНЕД!
ИСО... МАН... БА ТУ ТАШАККУР МЕГӮЯМ...
АЗ ТУ ХЕЛЕ МИННАТДОР АМ!

ЮҲАННО 11:44






ЮҲАННО 11:45-54

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**